## Ҳарфҳои муттасила

25 ҳарфи алифбои форсӣ ҳарфҳои муттасила ном доранд. Ин ҳарфҳо бо ҳам якҷоя навишта мешаванд, леки нагар баъд аз ҳарфҳои мунфасила оянд, аз ҳарфҳои мунфасила ҷудо навишта мешаванд ва дар мобайн пас аз ҳарфи мунфасила шакли аввалаашон, дар охири калима шакли алоҳидаашонро мегиранд.

## Ҳарфҳои мунфасила

Ҳарфҳои мунфасида 7-то мебошанд: ا*(алиф),* د*(дол),* ذ*(зол),* ر*(ре),* ز *(зе / зайн),* ژ*(же)* ва و*(вов)*. Шакли ин 7 ҳарф чор хел аст: ا د ر و. Ҳарфҳои дваذ, ز рва ژаз ҳамдигар фақат бо миқдори нуқтаҳо фарқ мекунанд. Ин ҳарфҳо байни худ ва аз дигар ҳарфҳои баъд омада ҷудо навишта мешаванд. Лекин агар ҳарфҳои муттасила пеш аз ҳарфҳои мунфасила оянд, бо онҳо якҷоя навишта мешаванд. Ҳарфҳои мунфасида ду шакли навишт доранд

| **Дар охир ҷудо ё дар алоҳидагӣ** | **Дар охир пайваст** | **Дар мобайни калима** | **Дар аввали калима** |
|---|---|---|---|
| ا | ـا | ـا | ا |
| د | ـد | ـد | د |
| ذ | ـذ | ـذ | ذ |
| ر | ـر | ـر | ر |
| ز | ـز | ـز | ز |
| ژ | ـژ | ـژ | ژ |
| و | ـو | ـو | و |

| Дар охир чудо ё дар алохидагӣ | Дар охир пайваст | Дар мобайни калима | Дар аввали калима |
|---|---|---|---|
| ا | ـا | ـا | ا |
| د | ـد | ـد | د |
| ذ | ـذ | ـذ | ذ |
| ر | ـر | ـر | ر |
| ز | ـز | ـز | ز |
| ژ | ـژ | ـژ | ژ |
| و | ـو | ـو | و |

Аз ҳарфҳои номбаршуда ҳарфи د овози *«д»,* ذ овози *«з»* , ر овози *«р»,* ز овози *«з»,* ژ овози *«ж»*-ро ифода карда, ҳарфи و овозҳои гуногунро ифода менамояд.

Ҳарфи ا дар мобайн ва охири калима ҳамеша *«о»* хонда мешавад:

دارا دادا دوا واو واژ واز وار ژاژ زار زاد راز راد دار داد
وا روا

Ҳарфи ا дар аввали калима овозҳои зеринро ифода менамояд:

*«а»* – ار از ادا ادوار اوراد

*«и»* – ادرار ازا اذا

*«у»* – اردو

Садоноки кӯтоҳи *«а»* дар мобайни калима навишта намешавад:

رد داور دادر درز ورز دراز در ور زر

Барои ифодаи садоноки «о» дар аввали калима дар болои ҳарфи ا алиф аломати мадда (~ / آ) гузошта мешавад:

آواد آذر آرزو آزار آرا آواز

Ҳарфи و овози *«в»*-ро ифода мекунад:

داود درواز آواز آورد داور درو دور دوا روا وارد وادار واد

Ин ҳарф дар мобайн ва охири калима овозҳои зеринро ифода менамояд:

*«у»* – آرو آرزو دارو زود دود دور

*«ӯ»* – رود دوز زور روز رو